**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Умаров Зухриддин Тоштемирович дар мавзуи “Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ**

Айният аст, омӯзиши таърихи журналистикаи ҳар як давлату миллат, ки чун натиҷагирӣ аз роҳҳои паймуда дониста мешавад, барои ташаккули минбаъдаи фаъолияти эҷодии амалию илмӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба он ҳамеша вуҷуд дорад ва муҳаққиқон ҳам паҳлуҳои гуногуни таърихи рӯзноманигории кишвари худро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медиҳанд.

Диссертатсияи Умаров Зухриддин низ чунин хусусият дорад; он ба яке аз ҷузъҳои зарурии таърихи журналистикаи тоҷик бахшида шуда, ин қисмати як андоза аз нигоҳи муҳаққиқон дурмондаро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ба натиҷаҳои назаррасии илмӣ низ расидааст, ки ин муваффақияти кори ӯст.

Асоснокии мавзуи диссертатсия низ аз ҷониби диссертант хеле хуб шарҳ ёфтааст ва маводи диссертатсияи ӯ низ (тавре аз автореферат бармеояд) гувоҳи он аст, ки дар ҳақиқат, ба омӯзишу таҳқиқи ин мавзуъ зарурат вуҷуд дошт, зеро маводи лозима ҳаст.

Масалан, ӯ дар натиҷаи омӯзишу баррасиҳо ба натиҷае мерасад, имрӯз замоне расидааст, ки нашрияҳои ӯзбекзабони кишвар бояд аз пештара дида фаъолтар бошанд, зеро будани нашрияҳои ӯзекзабон дар фазои иттилоотии Тоҷикистон барои он муҳим аст, ки мардуми ӯзбекзабони мамлакат ба воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ таваҷҷуҳ накунанд ва зери таъсири таблиғоти онҳо қарор нагиранд.

Ин хулосаи ӯ дар асоси он таҳқиқҳо ҳосил шудааст, ки “ҳар як нашрияи ӯзбекзабони Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ нақши худро дошта, рӯйдодҳои кишварро ба мардуми ӯзбекзабон бо

забони модарии худашон мерасонанд, ки таъсири ин восита аз дигар воситаҳо муассиртар аст, инчунин, дар хусуси ҳимояи манфиатҳои давлатӣ онҳо низ дар қатори нашрияҳои тоҷикӣ қарор гирифтаанд".

Воқеан ҳам, ин нуктаи назари диссертант қобили дастгирист, ки зарурати мавҷудияти нашрияҳои ӯзбекзабонро дар ҳудуди ҷумҳурии мо собит менамояд; ӯзбекзабонҳои кишвари мо шаҳрвандони комилҳуқуқи ҷумҳурии мо ва табиист, ки ҷузъи ҷудошавандаи ҷомеаи Тоҷикистон ба шумор мераванд, аз ин рӯ, мавҷуд будани нашрияҳо бо забони модарии онҳо, ки вазъи кишварро инъикос менамояд, барои иҷрои ҳамин ҳадафи бузург мусоидат менамояд, яъне онҳо худро дар кишвар худӣ меҳисобанд ва хушҳоланд, ки ҳуқуқҳои конститутсиониашон ҳам таъмин гардида истодааст.

Дар баробари ин дастовардҳо дар диссертатсия баъзе ҷузъҳои нопурра низ мушоҳида шуд:

1. Диссертант аз як факти ҷолиби диққат ёд мекунад, ки муҳаққиқони журналистикаи Ӯзбекистон дар бораи вуҷуд доштани нашрияҳои ӯзбекзабони кишвари мо ҳатто ёдовар нашудаанд, ҳол он ки дар бораи нашрияҳои ӯзбекзабон дар кишварҳои дигар маълумот додаанд. Агар доир ба сабабу омилҳои ин ҳолат изҳори назар мешуд, беҳтар буд.
2. Яке аз вазифаҳои таҳқиқ муайян кардани накши маҷаллаҳои адабии ӯзбекзабон дар муаррифию тарғиби адибони тоҷик дониста шудааст. Дар автореферати диссертатсия ҷараёни иҷрои ин вазифа ба таври бояд ба мушоҳида нарасид.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, ба муҳтавои умумии диссертатсия таъсири ҷиддӣ надоранд.

Автореферати диссертатсия, гузоришу мақолаҳои илмии Умаров Зуҳриддин Тоштемирович муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз маҳорати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Мавзуи диссертатсияи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ таъйин шудаанд, мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович дар мавзуи "Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон"ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**
**номзади илми филология,**
**сармуҳаррири Муассисаи давлатии**
**маҷаллаи "Илм ва ҳаёт"** **Хушдил Раҳимҷон**

*Имзои Хушдил Раҳимҷонро тасдиқ мекунам:*
**Масъули бахши кадрҳои Муассисаи давлатии**
**маҷаллаи "Илм ва ҳаёт"** **Мирзобедилова Н.А.**

«28» марти соли 2024

**Суроға:** 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Шерозӣ, 16
Тел: (+992) 37 238-50-51, 93-489-26-56
E-mail: khushdil_09@mail.ru